Тасдиқ менамоям,
муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон,
раиси Комиссия оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои
байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

______________ Давлаталӣ Саид

«07» апрели соли 2020

**Нақшаи миллии амалҳо**
**вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2020-2025**

| № | Рақами тавсия | Номгӯи чорабинӣ | Мухлати иҷро | Иҷрокунан-дагон | Натиҷаҳои иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Тавсияи 6 | Ворид намудани омӯзиши меъёрҳои Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (минбаъд – Паймон) ба курсҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ инсон бо мақсади омӯзиш ва татбиқи муқаррароти он дар байни судяҳо, адвокатҳо, муфаттишон, кормандони маќомоти тањќиќ ва прокурорҳо, дар амалияи судӣ татбиқ намудани муқаррароти Паймон | мунтазам | ВҲИ, СО, СК, ПГ, ВМИ, ВКД, КДАМ, АНДМК, АНМН, ИА | Меъёрҳои Паймон ба курсҳои дахлдори таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ инсон ворид гардида, омӯзиши он ба роҳ монда шуд |
| 2. | Тавсияи 8 | 1. Таъсис додани гурӯҳи корӣ ва омӯхтани таҷрибаи дигар давлатҳои иштирокчии Протоколи факултативии Паймон бо таваҷҷуҳ ба татбиқи мулоҳизаҳои умумии №33 (2008) Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон | 2020-2021 | ДИП, ПГ, СО, ВКХ, ВА, КДАМ, ВЊИ | Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, омӯзиш гузаронида шуд ва таклифи мушаххас пешниҳод гардид |
| | | 2. Тарҳрезии низоми муайяни баррасии шикоятҳои инфиродӣ | 2021-2022 | ДИП, ПГ, СО, ВКХ, ВЊИ, ВА | Низоми баррасии шикоятҳои инфиродӣ муайян гардид |
| 3. | Тавсияи 10 | Иҷро намудани нақшаи чорабиниҳо вобаста ба тавсияҳои Зеркумитаи аккредитатсияи СММ | 2020-2022 | ВҲИ, ВКХ, ВМ, ВА | Аз рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо ҳисобот пешниҳод карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Тавсияи 12 | 1. Омӯзиши масъалаи такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур | 2020-2022 | АНДМК, ПГ, СО, ВА, ВКД, КДАМ | Омӯзиш гузаронида шуда, барои ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |
| | | 2. Баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати вокуниш, тафтиш ва баррасии парвандањои ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта | мунтазам | АНДМК, ПГ, СО, ВКД, КДАМ, АНМН | Чорабиниҳои омӯзишӣ ва амалӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил ва гузаронида шуд |
| | | 3. Гузаронидани мониторинги амалишавии қонунгузорӣ дар самти мазкур, аз љумла стратегияи муқовимат бо коррупсия | 2020-2022 | АНДМК, ПГ, СО, ВА, ВКД, КДАМ | Омӯзиш гузаронида шуда, таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |
| 5. | Тавсияи 14 | 1. Идома додани фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба масъалаи таҳияи ќонуни алоҳида вобаста ба мубаризаи том бо табъиз ва такмили қонунњои алоҳида | 2020-2021 | Гурӯҳи корӣ, вазорату идораҳо | Аз ҷониби гурӯҳи корӣ лоиҳаи санадҳои дахлдор таҳия ва пешниҳод карда шуд |
| | | 2. Таъмини баррасии холисона ва ҳаматарафаи мурољиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ байри ҳимоя аз ҳама гуна шаклҳои табъиз ва зӯроварӣ вобаста ба аломатҳои тамоюли шаҳвонӣ ва гендерӣ | мунтазам | ПГ, ВКД, ВА, ВМИ, КДАМ, ККЗО, ВҲИ | Натиҷагирии баррасии мурољиатҳо оид ба табъиз |
| | | 3. Баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар хусуси риоя намудани ҳуқуқӣ инсон, инчунин гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ | мунтазам | ПГ, ВА, ВКД, КДАМ, АНДМК, ВҲИ | Дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳолӣ мунтазам чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд |
| 6. | Тавсияи 18 | 1. Гузаронидани мониторинг ва таҳлили омории ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда аз ҷониби занон, ташхиси гендерии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади васеъ намудани имкониятњои занон дар самти дастрасӣ ба хизмати давлатӣ ва ба мансабҳои роҳбарикунанда | 2020-2023 | АХД, ККЗО, АО, ВҲИ, дигар вазорату идораҳо | Аз натиҷаи мониторинг, таҳлили оморӣ ва ташхиси гендерӣ таклиф пешниҳод карда шуд |
| | | 2. Бланд бардоштани донишҳои ҳуқуқию тахассусии занон ва духтарон љињати омода намудани онҳо барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда | 2020-2022 | ККЗО, АХД, ВМИ, ВҲИ | Курсҳои омӯзишӣ баргузор карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3. Таҳлил ва ҷамъбасти амалияи судию тафтишотии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба бисёрникоҳӣ, андешидани чораҳои қатъӣ оид ба баробарҳуқуқии мардону занон, инчунин дар байни аҳолӣ бурдани корҳои фаҳмондадиҳ | 2020-2023 | ПГ, СО, ККЗО, АХД, ВА, КТР, ВҲИ | Таҷрибаи судию тафтишотӣ таҳлил ва ҷамъбаст гардида, таклифҳо пешниҳод шуд |
| 7. | Тавсияи 20 | 1. Баргузор намудани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба масъалаҳои норавоӣ ва оқибатҳои манфии зӯроварӣ нисбати занон, инчунин иттилоотонии мунтазами занон оид ба ҳуқуқи истифода аз ҳифз, кумак ва рӯёнидани ҷуброн | мунтазам | ККЗО, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, МИМҲД, ВҲИ | Чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба масъалаҳои норавоӣ ва оқибатҳои манфии зӯроварӣ нисбати занон гузаронида шуд |
| | | 2. Гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ барои кормандони субъектҳои пешгирикунанда ва расонандаи кумак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила | мунтазам | ККЗО, СО, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, ВҲИ, МИМҲД | Семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуд |
| | | 3. Такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура ва ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирӣ, муайянсозӣ ва таҳқиқи зӯроварии гендерӣ нисбати занон | мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, дигар вазорату идораҳо | Такмили ихтисоси кормандони прокуратура ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронида шуд |
| | | 4. Мавриди таҳқиқ ва тафтиши пурра, холисона ва ҳаматарафа қарор додани ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати занон, сари вақт ба паноҳгоҳҳо ва марказҳои бӯҳронӣ ва хизматрасониҳои марбута фаро гирифтани ҷабрдидагон | мунтазам | ПГ, ВКД, ВТҲИА, КДАМ, ККЗО, ВҲИ | Натиҷагирӣ аз таҳқиқ ва тафтиши ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати занон ва фарогирӣ бо хизматрасониҳои марбута |
| | | 5. Идома додани фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба бартарафсозии қолабҳои гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила | 2020-2025 | Гурӯҳи корӣ | Таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур гардиданд |
| 8. | Тавсияҳои 22 ва 24 | Таъсиси гурӯҳи корӣ бо мақсади омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда доир ба ҳолатҳои фавқулодда, муқовимат бо терроризм ва экстремизм ва ҳангоми зарурат ба талаботи Паймон мутобиқ гардонидани онҳо | 2020-2022 | ДИП, ПГ, СО, КҲФМГ, ВА, КДАМ, ВҲИ | Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда гузаронида шуда, таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 9. | Тавсияи 28 | Ба анҷом расонидани омӯзиши масъалаи тасдиқ намудани Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймон | то ҳалли масъала | Гурӯҳи корӣ | Гурӯҳи корӣ вобаста ба натиҳаи омӯзиш таклифи мушаххас манзур намуд |
| 10. | Тавсияи 30 | 1. Таъмини баррасии пурра ва ҳаматарафаи муроҷиатҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон, таҳлили ҳолатҳои фавт дар ҷойҳои маърумӣ аз озодӣ, расонидани ёрии тиббии шоиста ба маҳкумшудагон, сари вақт огоҳ намудани оилаҳои ҷабрдидагон дар тамоми марҳилаҳои тафтишот, инчунин тафтиши ҳаматарафаи ҳолатҳои фавт дар муассисаҳои ислоҳӣ | 2020-2022 | ВА, ПГ, СО, КДАМ, ВМ, ВТҲИА, ВҲИ | Дар самти мазкур чораҷӯӣ карда шуд |
| | | 2. Таъмин намудани қисмњои тиббии тавқифгҳҳои тафтишотӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ бо таҷҳизоти зарурии тиббӣ, доруворӣ ва мутахассисони тиб, инчунин дар марҳилаҳои муайян аз муоинаи тиббӣ гузаронидани шахсони дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қарордошта | 2020-2022 | ВА, ПГ, ВКД, ВМ, ВТЊИА, КДАМ, ВҲИ | Қисмҳои тиббии тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ва муассисаҳои ислоҳи бо таҷҳизоти зарурии тиббӣ, доруворӣ ва мутахассисони тиб таъмин карда шуд |
| 11. | Тавсияи 32 | 1. Ташкил ва гузаронидани курсҳои бозомӯзӣ ва семинарҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва амният ҷиҳати баланд бардоштани малакаи онҳо вобаста ба муносибати башардӯстона ва пешгирии шиканҷа нисбати маҳкумшудагон | мунтазам | ПГ, ВКД, КДАМ, ВА, АНДМК, АНМН | Ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ курсҳои бозомӯзӣ ва семинарҳои омӯзишӣ вобаста ба муносибати башардӯстона ва пешгирии шиканҷа нисбати маҳкумшудагон ташкил ва гузаронида шуданд |
| | | 2. Гузаронидани мониторинги иҷрои талаботи қонунгузорӣ оид ба манъи истифодаи далелҳое, ки тариқи истифодаи шиканҷа ба даст оварда шудаанд, инчунин баррасии масъалаи ҷуброни пурраи зиён ба ҷабрдидагон ва оилаи онҳо расонидашуда | 2020-2021 | ПГ, СО, ВКД, ВА, КДАМ, АНДМК, АНМН, ВҲИ | Мониторинг гузаронида шуд ва вобаста ба ҷуброни пурраи зиёни ба ҷабрдидгон ва оилаи онҳо расонидашуда таклиф пешниҳод карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 12. | Тавсияи 34 | 1. Таҳия ва қабули қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқ намудани меъёрҳои бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд | 2020-2021 | СО, ПГ, ВА, ВКД, КДАМ | Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид |
| | | 2. Таъсиси гурӯҳи корӣ барои омӯзиши шароити нигоҳдории маҳбусон бо таваҷҷуҳ ба қоидаҳои ҳадди ақали стандартҳои муносибат бо маҳбусон, аз ҷумла расонидани кумаки тиббӣ ва саривақтӣ ба онҳо | 2020-2021 | ВА, ПГ, КДАМ, ВТҲИА, ВҲИ | Омӯзиши вазъи нигоҳдории маҳбусон ва таҳлили дахлдори қоунгузорӣ гузаронида шуда, таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |
| | | 3. Мониторинги муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо мақсади дарёфт ва бартараф кардани ҳолатҳои амалҳои ғайриқонунӣ дар муассисаҳои мазкур | 2020-2023 | ПГ, ВА, КДАМ, ВҲИ | Мониторинг гузаронида шуд |
| | | 4. Омӯзиши имконияти гузаронидани мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ аз ҷониби Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх | 2021 | ВА, ПГ, КДАМ, ВКД, АНДМК, АНМН, ВҲИ | Омӯзиш гузаронида шуда, таклифҳо пешниҳод гардиданд |
| 13. | Тавсияи 38 | 1. Таъсис додани гурҳҳи корӣ ва омӯзиши қонунҳои конститутсионии Ҷумҷурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи прокуратура» ҷиҳати мутобиқати онҳо ба Паймон ва стандартҳои байналмилалӣ | 2020-2021 | СО, СОИ, ПГ, ВА, КДАМ, ВҲИ | Аз натиҷаи омӯзиш таклифи мушаххас пешниҳод карда шуд |
| | | 2. Омӯзиши масъалаи бозбинии ваколатҳои мақомоти прокуратура | 2020-2021 | ВА, ПГ, СО, КДАМ, ВҲИ | Таклифҳо оид ба бозбинии ваколатҳои мақомоти прокуратура пешниҳод гардиданд |
| | | 3. Ташкил ва баргузор намудани семинарҳои омӯзишӣ барои судяҳо оид ба гузаронидани мурофиаҳои судӣ бо таваҷҷуҳ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини кафолатҳои мурофиаи одилона, принсипи баробарии тарафҳо ва ба инобат гирифтани эҳтимолияти бегуноҳӣ | мунтазам | СО, СОИ, ВА, ВҲИ | Семинарҳои омӯзишӣ барои судяҳо гузаронида шуданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 14. | Тавсияи 40 | Таъсиси гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти адвокатура ва фаъолияти адвокатҳо ва дар ҳолати зарурӣ ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур | 2020-2022 | ВА, ПГ, СО, КДАМ, ВҲИ | Таҳлили дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқи гузаронида шуда, барои ворид кардани тағйиру иловаҳо таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |
| 15. | Тавсияи 42 | Чораандешии маҳмӯӣ бо мақсади пешгирӣ намудани дастрасии беиҷозат ва бе асосҳои қонунӣ ба маълумоти шахсӣ, инчунин таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқи манфиатҳои ҷабрдидагон | 2020-2021 | ПГ, СО, КДАМ, ВКД, АНДМК, ВА, ХА, ВҲИ | Чораҳои дахлдор андешида шуданд, аз ҷумла таҳлили дахлдори қонунгузорӣ анҷом ёфта, аз натиҷа чораҷӯӣ карда шуд |
| 16. | Тавсияи 44 | 1. Таҳлили қонунгузории соҳавӣ ва амалияи татбиқи он дар асоси омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо | 2020-2022 | КДТАҚМ, ПГ, СО, КДАМ, ВҲИ, ММЌ | Амалияи татбиқи қонунгузории соҳавӣ тибқи таҷрибаи дигар давлатҳо таҳлил карда шуд |
| | | 2. Роҳандозӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ доир ба таъмини ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ | мунтазам | КДТАҲМ, ККЗО, ВА, ВҲИ | Чорабиниҳо доир ба таъмини татбиқи самараноки озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ амалӣ карда шуданд |
| | | 3. Баргузор намудани мулоқоту мизҳои мудаввар бо мақсади таҳкими таҳаммулпазирӣ байни пайравони дину мазҳабҳо | мунтазам | КДТАҲМ, ПГ, СО, ВА, ММҚ, ВҲИ | Барномаҳои омӯзишӣ баҳри таҳкими таҳаммулпазирӣ татбиқ гардиданд |
| 17. | Тавсияи 46 | Баррасии масъалаи татбиқи самараноки хизмати алтернативӣ дар қонунгузории Тоҷикистон | 2020-2022 | ВМд, ПГ, ВА, ВКД, КДАМ, ВҲИ | Таклиф пешниҳод карда шуд |
| 18. | Тавсияи 48 | 1. Гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати ошкор ва пешгирии монеаҳо вобаста ба дастрасии иттилооте, ки мақомоти давлатӣ дар ихтиёри худ доранд | 2020-2021 | ПГ, СО, ВКД, КДАМ, ВҲИ, КТР | Чорабиниҳо баргузор гардида, монеаҳо бартараф карда шуд |
| | | 2. Чораҷӯӣ ҷиҳати тибқи қонунгузорӣ дар мӯҳлати муайяншуда пешниҳод кардани вокуниш ба дархостҳои воситаҳои ахбори омма | мунтазам | ПГ, СО, ВКД, КДАМ, ВҲИ, КТР | Чораҳои дахлдор, аз ҷумла ҷавобгарӣ барои риоя накардани талабои қонунгузорӣ татбиқ карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3. Таҳлили қонунгузорӣ оид ба мутобиқати он ба уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар масъалаи озодии сухан | 2020-2021 | ВФ, КТР, ХА, ПГ, ВА, ВҲИ | Таҳлил гузаронида шуда, таклиф манзур карда гардид |
| | | 4. Баргузор намдани мизи мудаввар бо иштироки рўзноманигорон ҷиҳати таҳлили қонунгузории граждан ва ҷиноятӣ вобаста ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо | мунтазам | ВФ, КТР, ВКД, ПГ, ВА, ВҲИ | Барои рўзноманигорон вобаста ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо мизи мудаввар баргузор карда шуд |
| 19. | Тавсияи 50 | Таҳлили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи озодии ҷамъомадҳо дар иртибот бо мувофиқати он ба муқарраротиПаймон | 2020-2023 | ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, ВҲИ | Таҳлил гузаронида шуда, таклиф пешниҳод карда шуд |
| 20. | Тавсияи 52 | Таҳлили қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи озодии муттаҳидшавӣ дар иртибот бо мувофиқати он ба муқарраротиПаймон | 2020-2023 | ВА, ПГ, ВКД, КДАМ, ВҲИ | ТаҲлил гузаронида шуда, таклиф пешниҲод карда шуд |
| 21. | Тавсияи 55 | 1. Ташкил ва баргузор намудани конференсияҳо, симпозиумҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо доир ба мавзўъҳои мубрами ҷамъиятӣ ва баррасишаванда | 2020-2021 | ВА, КМИР, ПГ, ВКД, КДАМ, ВҲИ | Конференсияҳо, симпозиумҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо ташкил ва баргузор карда шуд |
| | | 2. Таҳлили қонунгузорӣ оид ба интихобот дар робита бо мутобиқати он ба муқарраротиПаймон | 2020-2021 | ВА, КМИР, ПГ, ВКД, КДАМ, ВҲИ | Таҳлил гузаронида шуда, таклиф пешниҳод карда шуд |

**РЎЙХАТИ ИХТИСОРАҲО:**

1. ДИП –Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. СК – Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тољикистон
3. СО – Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. СОИ – Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. ПГ – Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. КМИР – Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Тољикистон
7. АНДМК – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
8. АНМН – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
9. АО – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

10. АХД – Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
11. ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
12. ВКД – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
13. ВКХ – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
14. ВМ – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
15. ВМд – Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тољикистон
16. ВМИ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
17. ВТҲИА – Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
18. ВФ – Вазорати фарњанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
19. КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
20. КҲФМГ – Кумитаи ҳолатњои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
21. КДТАҶМ – Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
22. ККЗО – Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
23. КТР – Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
24. ХА – Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
25. ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
26. ММҚ – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
27. МИМҲД – мақомоти иљроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
28. ИА – Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон